*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)*

# ТАҚРИЗ

***ба автореферати диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 36 саҳ.).***

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳифаи навро ба рушди кишвар боз намуда, тағйироти куллиро дар ҳама соҳаҳои давлатию ҷамъиятӣ ба бор овард. Махсусан, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккули низоми нави ҳокимияти давлатӣ ва рушди ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқӣ гузошта, ба пайдоиши шакли нави мақомоти идоракунии давлатӣ мусоидат намуд. Аз ҷумла, бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди ниҳоди президентӣ ва ҳокимияти иҷроияи кишвар низ дар шакли нисбатан нав ташаккул ёфта, ҷиҳати амалисозии он тадбирҳои гуногун таҳия ва роҳандозӣ гардиданд. Дар заминаи ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ, ки баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ роҳандозӣ гардид, мақомоти гуногуни давлатӣ, аз ҷумла мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуданд.

Ташкили чунин мақомот дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ниҳоди нисбатан нав маҳсуб меёбад, чунки дар таҷрибаи фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияи Тоҷикистон ташкил ва амали чунин мақомот ҷой надошт. Бо ҳамин мазмун, ташкили мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли нави мақомоти идоракунии давлатӣ дар низоми макомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии кишвар буда, бо мазмун, табиат ва вазъи ҳуқуқии худ аз дигар мақомоти идоракунии давлатӣ тафовут доранд.

Иштироки мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои идоракунӣ бо вазъи ҳуқуқии онҳо иртибот дошта, унсурҳои алоҳидаи он имкон медиҳанд, ки мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ

тафовут дошта бошанд. Унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ имкон медиҳанд, ки хусусиятҳои мақомоти наздипрезидентӣ, табиати ҳуқуқии мақомоти мазкур, таносуби онҳо бо мақомоти машваратӣ ва маслиҳатии наздипрезидентӣ ва мақомоти дигари иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муайян карда шавад. Дар иртибот бо ин, дар сатҳи илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ як қатор масоили таҳқиқталаб дар самти вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд мебошанд. Аз ҷумла, базъе муаммоҳо вобаста ба табитаи ҳуқуқии салоҳият, таъйинот ва ҷойи мақомоти мазкур дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, шакл ва усулҳои баамалбарории фаъолият ва роҳ надодан ба такроршавии ваколатҳо ҷой доранд, ки таҳқиқ ва таҳлили онҳо муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад.

Бинобар ин, барои таҳқиқи диссертатсионӣ интихоб намудани мавзуи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби таҳқиқбаранда Изатуллозода Пайрави Нусратулло саривақтӣ арзёбӣ мегардад, зеро мавзуи мазкур то имрӯз ба таври алоҳида мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода нашудааст ва таҳқиқи он аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ дорад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз фишурдаи қисматҳои асосии диссертатсия дар автореферати он бармеояд, ки муаллиф Изатуллозода Пайрави Нусратулло ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намудааст. Дар тақиқот дар баробари ҷанбаҳои назариявӣ, аз ҷумла, мафҳум, хусусият, давраҳои ташаккул, таснифот, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра, ҳамзамон ба ҷанбаҳои амалии мавзуи таҳқиқшаванда, аз ҷумла, асосҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолият, муайян намудани мутобиқати қонунгузорӣ бо низомнома ва санадҳои дигари локалии мақомоти наздипрезидентӣ, тарзҳои амалишавии вазифа ва функсияҳои мақомоти мазкур диққати ҷиддӣ зоҳир гардида, нисбат ба ҳолатҳои баҳснок баҳои асосноки ҳуқуқӣ пешниҳод карда шудааст. Посух ба масъалаҳои баҳсноки амалиро дар нуктаҳои амалии ба ҳимоя пешниҳод гардида ва тавсияҳои дигари амалӣ, ки дар автореферат мавҷуд мебошад, мушоҳида намудан мумкин аст.

Аз мазмуни автореферати диссертатсияи Изатуллозода П.Н. ба назар мерасад, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар асоси нуктаҳои илмии олимони соҳа, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ омода гардидааст. Дар баробари ин, ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳамаи вазифаҳои барои таҳқиқот гузоштаишудаによる диссертант ҳал намуда, ба мақсадҳои гузоштаишуда ноил гардидааст. Вале, ба ин нигоҳ накарда, ба назари мо баъзе аз масъалаҳое низ мавҷуданд, ки нисбат ба онҳо диққат додан зарур аст. Аз ҷумла:

1) Дар нуктаи чоруми назариявии ба ҳимоя пешниҳодгардида, диссертант таснифи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешкаш намуда, дар банди “б” вобаста ба тарзи қабули қарорҳо (шакли яккасардорӣ ва шакли дастаҷамъӣ) ва дар банди “г” вобаста ба эътибори ҳуқуқии қарорҳои қабулнамуда (мақомоте, ки функсияи ҳуқуқэҷодкунӣ доранд ва мақомоте, ки функсияи ҳуқуқэҷодкунӣ надоранд), мақомоти мазкурро таснифбандӣ намудааст. Вобаста ба ин, саволе ба миён меояд, ки сабаб дар чист, ки баъзе аз мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти ҳуқуқэҷодкунӣ баромад менамоянд ва баъзеи дигар не? Аз ин лиҳоз, аз диссертант пурсида мешавад, ки вобаста ба ин масъала равшанӣ андозад.

Эроди мазкур ба сатҳ ва сифати автореферати диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, танҳо хусусияти назариявӣ дошта, барои нисбатан комил гардидани таҳқиқот мусоидат менамояд.

Маврид ба зикр аст, бо назардошти мазмуни нуктаҳои назариявӣ ва муҳиммияти нуктаҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшуда, нисбат ба автореферати диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло баҳои мусбӣ додан мумкин аст. Баҳои мусбӣ ба автореферати диссертатсия ҳамзамон бо он асоснок мегардад, ки диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло аввалин таҳқиқоти илмии алоҳида ва мукаммал вобаста ба омӯзиш ва таҳлили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло ба пуррагӣ мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос намуда, дар он унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пай дар пай матраҳ гардида, нисбат ба онҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шудааст, ки шоистаи дастгирист. Мазмуни автореферати диссертатсияи Изатуллозода П.Н. шаҳодат медиҳад, ки мавзуи таҳқиқот дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои

илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ, нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Бинобар ин, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

***Муқарриз:***
Дотсенти кафедраи ҳуқуқшиносии
факултети тиҷорат, фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи ДИС ДДТТ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ **_Юнусова О.М._**

Имзои муқарриз О.М.Юнусоваро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДИС ДДТТ **_Махмудов Ш.У._**

***Сурога:*** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 169 Факс: (8 3422) 4-33-15 почтаи электронӣ info@let.tj;

“1” 04 2023 с.